Такриз

ба автореферати диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури маркази низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Зарифзода Шоҳрух Иззатулло аз лиҳози илмӣ ва амалӣ мубрам буда, ба таҳқиқи мафҳум ва хусусиятҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таносуб бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ, унсури таркибии низоми қонунгузорӣ ва воситаи танзими ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Навгонии мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои дар он пешниҳодшуда бо он тасдиқ мешавад, ки бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии назариявии Тоҷикистон ҷанбаҳои нави алоқамандбуда бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла хусусиятҳои ин фармонҳо дар таносуб бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, хусусиятҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат дар доираи нуктаҳои назари нави илмӣ оид ба ҳуқуқэҷодкунӣ ва дар таносуб бо намудҳои дигари ҳуқуқэҷодкунӣ, хусусиятҳои эътибори ҳуқуқии фармонҳои Пешвои миллат мавриди таҳлили ҳаматарафаи илмӣ қарор дода мешаванд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ анҷом дода шуда, заминаи назариявии онро асарҳои олимони ин соҳа, аз ҷумла Г.А. Василевич, Э.Э. Газвинова, Н.И. Грачев, С.А. Иванов, Т.В. Кивленок, Д.А. Лагун, Л.А. Окунков, Ю.А. Тихомиров, Ж.С. Тлеубаев, Г.А. Василевич, Т.В. Кашанина, М.Н. Марченко, В.И. Павлов ва дигарон ташкил медиҳанд. Дар ин асарҳо, тавре аз мазмуни автореферат бармеояд, ҷанбаҳои нави падидаи фармонҳои сарвари давлат бо дарназардошти таҷрибаи Россия ва давлатҳои дигар таҳқиқ мешаванд. Қобили зикр аст, ки дар диссертатсия муаллиф ақидаҳои навро доир ба ҷанбаҳои нави фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон пешниҳод намуда, айни замон зарурати таҷдиди назар намудани як қатор ақидаҳои илмии пештар дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷойдоштаро бо далелҳо исбот мекунад. Ин кӯшиши муаллиф навгонии илмии диссертатсияро таъмин менамояд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи мақсад, вазифаҳо, бобҳо ва зербобҳои диссертатсия, ки бо дарназардошти мавзуи интихобшуда муайян карда шудаанд, бо риояи усусли илмии таҳқиқи мантиқӣ, аз ҷумла гузаштан аз дониши умумӣ ба дониши мушаххас анҷом дода шудааст. Дар боби якуми диссертатсия мафҳуми умумии фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти натиҷаҳо ва хулосаҳои дар назарияи давлат ва ҳуқуқ пазируфташуда таҳқиқ мешавад. Дар боби дуюм, ки бо

натиҷаҳои боби якум алоқаманд аст, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таҳлил када мешавад. Дар боби сеюм, ки мазмуни бештар амалӣ дорад, нақши фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди ҳаёти ҷомеа таҳқиқ мешавад. Дар доираи таҳқиқ хулосаҳои умумии назариявӣ ва амалӣ, ки барои пешниҳоди таклифҳои амалии муаллиф мусоидат намудаанд, бо истифода аз натиҷаҳои илмӣ ва дар доираи таҳлили таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон асоснок карда мешаванд.

Таҳили муҳтавои автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки аз ҷониби муаллиф таҳқиқи мукаммали илмӣ анҷом дода шуда, натиҷаҳои он ба такмили қонунгузорӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, шаклҳои нави ифодаи санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мусоидат менамоянд. Ҳамзамон бо ин, дар кор баъзе андешаҳои ҷузъии мубоҳисавӣ ба назар мерасанд, ки изҳори назари муаллифро тақозо доранд.

Чунончӣ, дар банди 4 нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд карда мешавад, ки фаъолияти «ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат танҳо бо амалӣ намудани функсияҳои асосии ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд нест. Фаъолияти мазкур хусусияти идоракунӣ дорад, бо амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ, молиявӣ, моддӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ робита дорад». Ин ақида аз нуқтаи илмӣ баҳснок аст, чунки функсияҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро аз доираи мақсадҳои ва вазифаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ намуда, мазмуни онҳоро дар робита бо фаъолияти идоракунии сарвари давлат муайян мекунад.

Илова бар ин, дар банди зикршуда муаллиф қайд мекунад, ки ин «фаъолият бо салоҳияти сарвари давлат, ки бо таъмини асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии умуман ҳуқуқэҷодкунӣ робита дорад, алоқаманд аст». Дар натиҷа мазмуни салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат бо дарназардошти салоҳияти ташкилӣ-ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ асосан бо асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Вобаста ба ин, муаллиф ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ андешаи худро баён намояд.

Эродҳои зикршуда аз лиҳози илмӣ баҳснок буда, ба паҳлуҳои мусбии таҳқиқи диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ва бандҳои 54, 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Таҳқиқи диссертатсионии Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат дорад.

Диссертатсия дар мавзуи: «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он Зарифзода Шоҳрух Иззатулло ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

Қодирзода Тоҳир Қамар,
ходими пешбари илмии шуъбаи
масоили назариявии
давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат
ва ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, д.и.ҳ., дотсент,
тел. 887-08-43-44,e-mail: t. kodirzoda@mail.ru Қодирзода Т.Қ.

Имзои “Қодирзода Тоҳир Қамар” ро
тасдиқ мекунам:-
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси АМИТ Акрамзода Т.С.
“12.” 02. 2026

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.